# НАҚШАИ КОРИИ
Комиссияи олии аттестатсионии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
дар соли 2024

Душанбе-2024

| Фасли I. Самти асосии фаъолият | | | |
|---|---|---|---|
| **Р/Т** | **Номгӯйи чорабиниҳо** | **Масъулин** | **Муҳлати иҷро** |
| 1. | Ба роҳ мондани фаъолияти Комиссия тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳидоятҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва дастуроти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 2. | Иштирок дар кори комиссияи босалоҳияти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳлил ва баррасии вазъи корҳо дар самти робитаи илм бо истеҳсолот ва вазъи иҷрои нақшаи чорабиниҳои «Бистсолаи омӯзиши илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ» | Роҳбарият | Ҳангоми зарурат |
| 3. | Ҳамкорӣ бо Вазорати маориф ва илм, Агентии назорат дар соҳаи маориф ва илм, Академияи миллии илмҳо ва академияҳои соҳавӣ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмию техникии тахассуси олӣ, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 28 декабри соли 2023 бармеоянд. | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 4. | Таъмин ва назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» | Роҳбарият ва шахси масъул | Мунтазам |
| 5. | Таъмини риояи муқаррароти Стратегияи муқовимат ба экстремизм ва терроризм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва нақша-чорабиниҳои он | Роҳбарият ва шахси масъул | Мунтазам |
| 6. | Таъмини риояи муқаррароти Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва нақша-чорабиниҳои он | Роҳбарият ва шахси масъул | Мунтазам |
| 7. | Таъмин ва назорати риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатӣ» | Роҳбарият ва шахси масъул | Мунтазам |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 8. | Баргузор намудани ҷаласаҳои Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Раис, саркотиби илмӣ | Моҳе як маротиба |
| 9. | Ворид намудани маҷаллаҳои илмӣ ба Феҳристи маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 10. | Назорат аз болои мазмун ва муҳтавои маҷаллаҳои (нашрияҳои) илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 11. | Назорати фаъолияти шуроҳои экспертӣ | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | Доимӣ ва ҳангоми зарурат |
| 12. | Гузаронидани машваратҳои корӣ бо аъзои шуроҳои экспертӣ | Саркотиби илмӣ, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Ҳангоми зарурат |
| 13. | Назорати фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ва расонидани ёрии методӣ ба онҳо | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 14. | Таъсис, таҷдиди ҳайат ва арзёбии фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар мавриди зарурат |
| 15. | Таҷдиди ҳайати шуроҳои экспертӣ ва назорати фаъолияти онҳо, инчунин расонидани ёрии методӣ | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар мавриди зарурат |
| 16. | Гузаронидани машваратҳои корӣ бо раисон, муовинони раис ва котибони илмии шуроҳои диссертатсионӣ | Роҳбарият ва мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 17. | Таҳия ва такмил намудани шиносномаҳои ихтисосҳои илмӣ | Саркотиби илмӣ ва шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 18. | Таҳия ва такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилии танзимкунандаи фаъолияти Комиссия | Роҳбарият, ҳуқуқшинос, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 19. | Гузаронидани баробарарзишӣ / (нострификатсия)-и ҳуҷҷатҳои дараҷаҳо ва унвонҳои илмии довталабон | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 20. | Гузаронидани азнаваттестатсиякунонии дараҷа ва унвонҳои илмии дар хориҷи кишвар бадастовардашуда | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 21. | Экспертизаи илмии диссертатсия ва баррасии парвандаҳои | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | аттестатсионии довталабони дарёфти дараҷаҳои илмӣ | | |
| 22. | Баррасии парвандаҳои довталабони дарёфти унвонҳои илмӣ | Шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 23. | Ҳамкорӣ бо муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва таҳсилоти олии касбӣ дар чораандешӣ ҷиҳати интихоби мавзуъҳои рисолаҳои илмӣ вобаста ба иҷрои ҳадафҳои стратегии мамлакат | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 24. | Тақвият бахшидани робитаву ҳамкориҳо бо ҳамтоёни хориҷӣ ва бастани шартномаҳои нави ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кормандони илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ, омӯзиши таҷрибаи комиссияҳои кишварҳои ҳамсоя | Роҳбарият, ҳуқуқшинос | Дар давоми сол |
| 25. | Ташкили семинарҳои омӯзишӣ бо кормандони Комиссия оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав | Муовини раис ва саркотиби илмӣ | Мунтазам |
| 26. | Гузаронидани ҷаласаҳои назоратии назди раиси Комиссия | Роҳбарият, мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ | Ҳар ҳафта рӯзи душанбе |
| 27. | Ташкили сафарҳои хизматӣ, аз ҷумла берун аз ҳудуди ҷумҳурӣ | Роҳбарият | Дар ҳолатҳои зарурӣ |
| 28. | Таваҷҷӯҳи ҷиддӣ ва хоса зоҳир намудан ба фаъолияти шуроҳои диссертатсионӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо дар самти илмҳои дақиқ ва риёзӣ | Роҳбарият, шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ | Мунтазам |
| 29. | Мунтазам нав кардани веб-саҳифаҳои сомона | Муовини раис ва шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 30. | Таъсиси махзани ягонаи кормандони илмӣ, илмӣ-техникии тахассуси олӣ | Саркотиби илмӣ, шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Мунтазам |
| 31. | Такмили пойгоҳи додаҳои Комиссия | Муовини раис ва шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 32. | Таъмини шаффофияти ҳуҷҷатгузории электронӣ | Муовини раис ва шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |

| | | | |
|---|---|---|---|
| 33. | Иштироки фаъолона дар чорабиниҳои илмӣ-фарҳангии сатҳи ҷумҳуриявӣ | Роҳбарият, шуъбаҳо | Мунтазам |
| 34. | Таҳия ва пешниҳоди ҳисобот ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон | Роҳбарият | Дар мавридҳои зарурӣ |
| 35. | Чораандешӣ ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои номатлуб дар раванди аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-техникии тахассуси олӣ | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 36. | Санҷиши диссертатсияҳо аз рӯйи барномаи компютерии Антиплагиат | Шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Дар давоми сол |
| 37. | Дидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати беҳтар намудани экспертизаи диссертатсияҳо | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 38. | Ташкили санҷишҳои дохилии шуъбаҳо | Роҳбарият, саркотиби илмӣ | Дар мавридҳои зарурат |
| 39. | Санҷиши (мониторинги) диссертатсияҳои самти илмҳои тиббӣ | Роҳбарият | Дар нимсолаи якум |
| 40. | Санҷиши (мониторинги) диссертатсияҳои самти илмҳои дақиқ | Роҳбарият | Дар нимсолаи дуюм |
| 41. | Таҳлили ҳимояи диссертатсияҳо аз ҷониби шахсони мансабдори ҳокимияти давлатӣ ва хизмати давлатӣ | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Мунтазам |
| 42. | Иҷрои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ аз ҷониби кормандони Комиссия | Роҳбарият | Мунтазам |
| 43. | Назорати доимӣ аз болои қабули шаҳрвандон ва сари вақт баррасии муроҷиатҳои воридшуда | Роҳбарият | Мунтазам |
| 44. | Андешидани чораҳои зарурӣ ҷиҳати зимистонгузаронӣ | Роҳбарият, шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Дар фасли сармо |
| 45. | Таҳияи истилоҳоти ягонаи илмӣ дар якҷоягӣ бо Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| | | | |

| Фасли II . Самти ташкилӣ, молия ва ҳуқуқ | | | |
|---|---|---|---|
| **Р/Т** | **Номгӯйи чорабиниҳо** | **Масъулин** | **Мухлати иҷро** |
| 1. | Такмил додани барномаи Антиплагиат барои санҷиши асолати диссертатсияҳо бо забони давлатӣ | Муовини раис, шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Дар давоми сол |
| 2. | Мунтазам таҳрир ва мукаммал намудани сомонаи расмии Комиссия, инчунин мутобиқ гардонидани он ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июли соли 2017, № 344 «Дар бораи Қоидаҳои ягона барои сомонаҳои расмии вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар шабакаи интернетӣ» | Саркотиби илмӣ, шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Дар давоми сол |
| 3. | Чораандешӣ ҷиҳати насби сервери пуриқтидор дар Комиссия, инчунин мустаҳкам кардани базаи моддӣ-техникии он | Роҳбарият, шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Дар давоми сол |
| 4. | Гузаронидани нишастҳои матбуотӣ тибқи нақшаи тасдиқшуда | Роҳбарият | Соле ду маротиба |
| 5. | Назорати доимии риояи интизоми меҳнат, ҳифзи меҳнат, риояи техникаи бехатарӣ | Роҳбарият ва кумитаи итифоқи касабаи муассиса | Мунтазам |
| 6. | Риояи қоидаҳои бехатарии истифодаи таҷҳизоти барқӣ ва рушноидиҳанда, таъмини тозагӣ ва ҳолатҳои беҳдоштию санитарии корӣ | Шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Мунтазам |
| 7. | Назорат ва пардохти саривақтии ҳаққи экспертҳо | Муҳосибот | Дар давоми сол |
| 8. | Инъикоси фаъолияти Комиссия дар васоити ахбори омма | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 9. | Ҷалби мутахассисон ва кормандони соҳибтаҷриба бо мақсади пешбурди фаъолияти Комиссия | Роҳбарият, мудирони шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 10. | Омодагӣ ва истиқболи сазовори ҷашнҳои Наврӯз, Ваҳдати миллӣ, | Роҳбарият, кумитаи | Дар мухлатҳои |

| | | | |
|---|---|---|---|
| | Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҷашнҳои расмии милливу давлатӣ | иттифоқи касаба | муқарраршуда |
| 11. | Таъминот бо таҷҳизоти техникӣ, маводи канселярӣ ва хоҷагӣ дар доираи имконоти молиявӣ | Роҳбарият ва муҳосибот | Дар давоми сол |
| 12. | Нашри мунтазами бюллетенҳои Комиссия | Саркотиби илмӣ ва масъулин | Ҳар семоҳа |
| 13. | Андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии кормандони муассиса | Роҳбарият, кумитаи иттифоқи касаба | Мунтазам |
| 14. | Сари вақт дастрас намудани ҳуҷҷатҳои муросилотӣ ба сохторҳои дахлдор | Шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Мунтазам |
| 15. | Сазовор ҷашн гирифтани 10 солагии таъсисёбии Комиссия | Роҳбарият | Сентябр |
| 16. | Таҳияи буклет-реклама бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ | Роҳбарият, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |
| 17. | Супоридани парвандаҳо ба Китобхонаи миллӣ | Шуъбаҳои аттестатсионӣ, шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Дар давоми сол |
| 18. | Мунтазам нав кардан ва дар ҳолати хуби корӣ нигоҳ доштани техникаи компютерӣ ва иттиллоотӣ | Шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Мунтазам |
| 19. | Пайгирӣ намудани масъалаи ба ягон бинои нав кучонидани Комиссия | Роҳбарият | Дар давоми сол |
| 20. | Таъмири ҷории бино ва утоқҳои корӣ | Шуъбаи ташкилӣ-молиявӣ ва ҳуқуқ | Ҳангоми зарурат |
| 21. | Ташкил ва гузаронидани мусобиқаҳои варзишӣ – шоҳмотт ва тенниси рӯйимизӣ | Кумитаи иттифоқи касаба, шуъбаҳои аттестатсионӣ | Дар давоми сол |